Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____________ Раҳмон Д.С.
“ ________________ соли 2022

**ТАҚРИЗИ**

муассиссаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи “Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ; (6D 021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) – Хуҷанд, 2022. – 189 с.

Рисолаи Соқиева Парвина Зафаровна ба мавзуи “Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ” (дар мисоли достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”) бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки мубрамияти мавзуи мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки ҳарчанд атрофи ҳаёту фаъолияти Низомии Ганҷавӣ таҳқиқот зиёд аст, аммо паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ин нобиғаи сухан ҳанӯз ба пажӯҳиш ниёз дорад. Рисолаи мавриди таҳқиқ низ ба яке аз паҳлуҳои нокушодаи эҷодиёти Низомӣ баҳс менамояд.

Бояд зикр намуд, ки рисола аз муқаддима, се боб бо ҳафт фасл ва ҳашт зерфасл, хулосаю китобнома иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола мубрамият ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот ва ғайра асоснок карда шудаанд, ки ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Боби якуми диссертатсия “Назари Низомии Ганҷавӣ ба сухан, шеъру шоирӣ ва эҷоди бадеӣ” унвон дошта, аз ду фасл иборат аст.

Фасли якуми ин боб “Сухан ва суханвар аз нигоҳи Низомии Ганҷавӣ” номгузорӣ шуда, муҳаққиқ зимни баррасии масъалаи мазкур аз нигоҳи илмӣ ба омӯзишу таҳқиқи адабӣ нигариста, сараввал оид ба сухангустар будани Низомии Ганҷавӣ ибрози назар намуда, бо иқтибосот аз олимону донишмандони ватанию хориҷӣ мафҳуми суханро маънидод кардааст. Баъдан, сухану суханвар ва сухангустариро аз нигоҳи Низомии Ганҷавӣ бо порчаҳои шеърӣ аз достонҳои “Хамса” хеле хуб таҳлил намудааст.

Фасли дуюми ин боб “Каломи бадеӣ аз назари Низомии Ганҷавӣ” унвон дошта, муҳаққиқ дар ин фасл доир ба таъсири каломи бадеъ ва шеър чисту шоир кист? – инчунин, бо маънидод намудани ин ду мафҳум аз нигоҳи олимону донишмандони ватанию хориҷӣ ҳусни корро дучанд кардааст. Масалан, дар хусуси қадру манзалати шеър аз забони Низомии Ганҷавӣ чунин порчаи шеъриро овардааст:

Шеър туро садрнишонӣ диҳад,
Салтанати мулки маонӣ диҳад [рисола саҳ. 25].

Боби дуюми рисола “Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои “Хусрав ва Ширин ” ва “Лайлӣ ва Маҷнун” унвон дошта, аз ду зерфасл ва зерфасли дуюм аз чор қисмат иборат мебошад.

Фасли якуми боби мавриди таҳқиқ “Сохту муҳтавои достонҳо ва истифодаи ҳунари шоирӣ дар онҳо” номгузорӣ шуда, муҳтавои ин ду достон муфассал мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Дар ин зерфасл муҳаққиқ дар хусуси достонҳои фавқуззикр фикрҳои ҷолибу бикр баён карда, дар кадом баҳрҳо эҷод шудани ин достонҳоро муаррифӣ намуда, оид ба қофияю радифи истифоданамудаи шоир низ ибрози назар намудааст.

Фасли дуюми боби фавқуззикр “Маҳорати симоофарии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун” ном дошта, муҳаққиқ зимни таҳлил ва баррасии ин қисмати кор маҳорати шоирро борикбинона таҳлилу барасӣ намудааст.

Зерфасли якуми ин фасл “Симоҳои Хусрав ва Маҷнун” унвон дошта, муаллифи рисола симоҳои ин образҳои асосии достонҳоро мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор дода, аз рӯзи аввали зода шуданашон то фарҷоми ҳаёт аз нигоҳи Низомии Ганҷавӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар ин зерфасл муҳаққиқи ҷавон аз олимоне, ки атрофи ин мавзуъ таҳқиқот ба анҷом расонидаанд, иқтибос оварда, фикрҳои худро бо факту далел исбот намудааст. Масалан, аз адабиётшинос З. Аҳрорӣ чунин иқтибос дар рисола оварда шудааст: “Образи Хусрав чунонки аз ҷараёни воқеаҳои асар ва мавқеи дар ҳалли масъалаҳои ишқӣ ва ҷамъиятӣ ишғолдоштааш маълум мегардад, таҷассуми мароми синфи ҳукмрони ҷомеаи феодалӣ, ифодаи хулқу атвор ва завқу майли ҳамин гурӯҳи иҷтимоии онрӯза мебошад. Вай гарчанде таҳсилкарда, ҳунаромӯхта, далеру шуҷоъ, боақлу заковат ва дар бисёр мавридҳои ҳаёт ҳалиму меҳрубон аст, аммо дар асл шахсе худком, ишратпараст, берою тадбир ва мутеи иродаи дигарон мебошад” (рисола, саҳ. 65).

Зерфасли дуюми фасли дуюм “Симоҳои Ширин ва Лайлӣ” номгузорӣ шудааст ва муҳаққиқ дар ин зерфасл оид ба таҳлили ин ду чеҳраҳои намоёни достонҳо пардохта, васфи ин ду симоро аз нигоҳи Низомӣ, ки дар достонҳо бо тамоми зебоиҳои нотакрор васф шудаанд, таҳлил намудааст. Масалан, дар васфи Лайлӣ чунин мисраъҳоро аз рисола пайдо намудем:

...Ба ҳайрат монда Маҷнун дар хаёлаш,
Ба қоим монда Лайлӣ бо ҷамолаш.

Васфи Ширин:

Рухаш насрину бӯяш низ насрин,
Лабаш ширину номаш низ Ширин.
Шакарлафзон рухашро нӯш хонанд,
Валиаҳди Меҳинбону-ш хонанд (рисола, саҳ. 71-72).

Дар охири ин зерфасл муҳаққиқ монандию тафовути байни симоҳои Хусраву Маҷнун ва Ширину Лайлиро табақабандӣ намуда, вобаста ба хислату рафтори ин образҳо фикрҳои шогирдони хешро иброз намудааст.

Зерфасли сеюми ин фасл “Симои Фарҳод” унвон дошта, муаллифи рисола дар ин зерфасл лаҳзаҳои ба майдони мубориза омадани Фарҳодро борикбинона шарҳ додааст.

Зерфасли чоруми фасли дуюм “Симоҳои ёридиҳандаи достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”” унвон дошта, муҳаққиқ аксари образҳои ёридиҳандаи ин достонҳоро ном гирифта, симои баъзе аз онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Масалан, симоҳои Шопури наққош, Навфал, Меҳинбону, Қайсари Рум, Фарҳод, Баҳроми Чӯбина, Шакари Исфаҳонӣ, Борбаду Накисо, Бузургмеҳр, Саломи Бағдодӣ, волидайни Лайлӣ ва Маҷнун ва дигарон.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони “Корбурди ҳунармандонаи забону баёни бадеъ дар достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомии Ганҷавӣ” фарогири се фасл ва фасли якум аз зерфаслҳо иборат аст. Фасли аввал “Забон ва ҳусни баён дар достонҳои ишқии Низомӣ” фарогири чор зерфасл аст ва дар ҳамаи ин зерфаслҳо оид ба истифодаи санъатҳои бадеӣ дар достонҳо сухан ба миён омадааст.

Фасли дуюми боби сеюм “Истифодаи моҳиронаи истилоҳоти мусиқӣ дар “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”” номгузорӣ шуда, дар ин фасл муҳаққиқ оид ба истифодаи истилоҳоти марбут ба мусиқӣ дар достонҳои фавқуззикр, ки хеле хуб ба кор бурда шудаанд, маълумот медиҳад.

Фасли сеюми боби мазкур “Инъикоси андешаҳои ахлоқии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”” унвон дошта, муаллифи рисола дар ин боб оид ба мавзуи ахлоқ даст задани Низомӣ дар ин достонҳо ибрози андеша намудааст ва муҳаққиқ дар охири ин боб аз дохили ҳар ду достон панду андарзҳои зиёдеро гирд оварда, пеш аз хулосаи ин боб дар рисола ҷой додааст.

Хулосаи диссертатсия дар ду банд коркард шуда, банди якум аз 12 зербанд ва банди дуюм аз 6 зербанд иборат ёфтаанд ва ҳар ду низ як ном – “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот” номгузорӣ шудаанд. Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои ба дастовардаашро аз таҳқиқоти ба анҷомрасонидаи хеш хеле хуб гурӯҳбандӣ намудааст.

Бахши рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ, аз рӯйи забони таълиф дастабандӣ шуда, маҷмуан фарогири 176 адабиёти илмӣ, таълимӣ ва сарчашмаҳои адабиву фарҳангномаҳо мебошад.

Фишурдаи диссертатсия, ки бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст, ҳачман 6 мақолаи интишоршудаи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, мазмуну муҳтавои диссертатсияро комилан ифода менамоянд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос кардаанд.

Дар диссертатсияи мавриди таҳқиқ дар баробари дастовардҳои зиёд баъзе норасоиҳо ба назар расиданд, киислоҳи минбаъдаи онҳо, ба ақидаи мо, ҳусни диссертатсияро меафзояд:

1. Хуб мешуд, ки дар боби якум аз достонҳои мавриди пажӯҳиш қароргирифта мисолҳо зиёдтар оварда мешуд;
2. Хатоҳои имлоию техникӣ зиёд ба чашм расиданд: саҳ. 5, 15, 18, 20 ва ғ.
3. Дар аксари ҷойи рисола ба ҷойи дефис – тере ва ба ҷойи тере – дефис гузошта шудааст: саҳ. 5, 15, 53, 56, 57, 58 ва ғ.
4. Дар бархе ҷойи диссератсия ашъори шоир ба унвони шоҳид тӯлонӣ овардашудааст: саҳ. 37, 66, 75, 89, 92 ва ғ.
5. Муҳаққиқ дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ дар зикри номи пажӯҳишгарон тартиби замониро риоя накардааст.

Характери ҷузъӣ доштани эродҳои боло арзиши амалӣ ва назарии диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд.Муқоисаи муҳтавои автореферат бо диссертатсия ва

ҳамчунон, мазмуну мавзуи мақолаҳои чопнамудаи муаллиф нишон дод, ки онҳо ба пуррагӣ ба мавзуи асосии таҳқиқ мувофиқат мекунанд.

Кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровнаро дар мавзуи "Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ" (дар мисоли достонҳои "Хусрав ва Ширин" ва "Лайлӣ ва Маҷнун") барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), Адабиётшиносӣ; (6D 021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта ва муҳимму мубрам медонад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф ёфтааст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи 20.10.2022, қарори №3 бо иштироки диссертант Соқиева П.А. муҳокима гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест , «бетараф» – нест.

Қарори №3, аз 20.10. 2022.

Раиси ҷаласа, н.и.ф., дотсент
Телефон (дастӣ): 918-67-08-50 Холиқова З.К.

Котиб: Шамшоди Ҷ.

"Имзоҳои дотсент Холиқова З.К. ва н.и.ф. Шамшоди Ҷамшедро тасдиқ мекунам". Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.